«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

_______________ Хайрзода Ш.Қ.

«____» ________ соли 2024.

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» ба диссертатсияи Орифов Орзу Обидхуҷаевич дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи номзадии Орифов Орзу Обидхӯҷаевич таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба таҳқиқи хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ бахшида шудааст. Муҳтавои он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пурра мувофиқат менамояд.

Мавзуи баҳси таҳқиқотҳои илмии рафъи мушкилоти омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар раванди ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ аҳамияти рӯзмарра дорад. Дар марҳалаи ҳозираи рушди ҷомеаи тоҷик тарбия намудани кадрҳои педагогии аз ҷиҳати идеявӣ боваринок, ба дараҷаи замонавӣ маълумотнок, пайвастани донишҳои

амиқи назариявӣ бо қобилияти қабули қарорҳои амалӣ, эҷодкорона истифода бурдани онҳо дар фаъолияти педагогӣ зарур мебошад.

Нуктаи муҳиме, ки мутобиқшавии касбии омӯзгори ҷавонро тавсиф мекунад, ин тағйирёбии объекти фаъолият мебошад, ки дар давраи унвонҷӯйӣ, магистратура ва докторантура раванди ҷудонашавандаи педагогӣ бо динамизм, гуногунҷанбагӣ, зиддиятнокӣ ва мураккабии хоси худ мебошад. Ҳамин чиз ҳам аҳамияти калон дорад, ки муаллими ҷавон ҳамчун як қисми субъекти ҷамъиятӣ - коллективи педагогӣ, ки ба талаботи ин коллектив, хусусиятҳои муносибатҳо дар он, услуби роҳбарӣ, дараҷаи муайяни маҳорат мувофиқ буда, ба амал мебароyад. Вазифаи нав бо «полифобия»-и худ, вазифаҳои гуногуне, ки муаллим бояд дар мактаб иҷро кунад, фарқ мекунад. Ҳамаи ин хусусиятҳо водор месозад, ки омӯзгор худро ҳамчун субъекти фаъолияти педагога дарк намояд.

Дар илм дар баробари таҳқиқоти солҳои охир боз ҳам паҳлуҳои таҳқиқношудаи рафъи мушкилот зимни омӯзиш ва таълими забонҳои хориҷӣ дар робита ба дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ то имрӯз ба таври пурра ва комил мавриди таҳқиқи амиқ қарор нагирифтааст.

Ба сифати мавзуи таҳқиқ қарор гирифтани таҳқиқи хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ пажӯҳиши нав буда, дар он таҳқиқи пурра ва комили мавзуи таҳқиқшаванда мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтааст.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки диссертатсияи Орифов Орзу Обидхуҷаевич дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ" ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми муосир бахшида шудааст.

Диссертатсияи Орифов Орзу Обидхуҷаевич «Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ" номгузорӣ гардида, он аз мундариҷа, номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду

боб, хулоса, натиҷаҳои асосии рисола, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Пайдарпайии бобҳо мантиқан ба вазифаҳои дар назди рисола гузошта шуда мувофиқ мебошанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ, аҳамияти амалӣ, навгонии илмӣ, соҳаи таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои диссертатсия, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми рисола нишон дода шудаанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки дар асосу заминаи равишҳои илмии олимону муҳаққиқон ва амалкунандагон, ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, муайян кардани моҳияти раванди мушаххаси педагогии бартараф кардани мушкилоти таълимӣ дар донишҷӯён, мазмун ва сохтори он, роҳҳо ва шароити педагогии самаранокии ин раванд ошкор карда мешаванд. Бо ёрии равишҳои илмӣ мушкилоти таълимӣ ҳамчун як падидаи маъмули педагогӣ муайян карда шуданд, аз ҷумла, маҷмуи мушкилоти таълими забони англисӣ, ки дар байни донишҷӯёни курсҳои якум ва дуюми таълими он дар равияҳои гуманитарӣ ба миён меоянд: фишори функсионалӣ, вайроншавии созгорию мутобиқшавӣ дар таълим ва, дар ниҳоят, коҳиши пешрафти донишҷӯён дар омӯзиши забони англисӣ.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар таҳияи муқаррароти татбиқшудаи раванди мушаххаси педагогии рафъи мушкилоти таълимӣ: навсозии омодагии назариявӣ ва методии омӯзгорони забони англисӣ барои рафъи мушкилоти мушаххаси омӯзиш дар байни донишҷӯён, ташаккули ҳавасмандии донишҷӯён барои рафъи мушкилоти забони англисӣ мебошад. Татбиқи методологии

технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ барои пешгирии душвориҳои мушаххас дар омӯзиши забони англисӣ аз ҷониби донишҷӯён, озмоиши ба барномаи лексикӣ нигаронидашуда барои рафъи мушкилоти омӯзиш, аз ҷумла, панҷ марҳила, ки самаранокии онҳо аз рӯйи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои дар рисола таҳиягардида арзёбӣ шудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот дар заминаи ақидаҳо ва консепсияҳое, ки дар асарҳои классикони педагогика ва психологияи ватанӣ ва хориҷӣ барои омӯзиши мушкилот дар омӯзиш ва ҳалли мушкилоти маърифатии мушкилоти забон таҳия шудаанд (Ф.Шарифзода, А.М.Мирализода, И.Каримова, А.Нуров, Ҷ.Алимӣ, И.Я.Зимняя, Л.С.Виготский, Л.И.Рувинский, Ю.К.Бабанский, И.Я.Лернер А.Р.Лурия, Д.Игел, А.Сприн, Д.Тупер, Райссер, Х.Туокко); муайян кардани бузургии мушкилоти таълимӣ (Е.Н.Почернина, И.А.Рейнград, М.Л.Безденежних, В.И.Загвязинский); оид ба мушкилоти рафъи мушкилот (Ҷ.Алимӣ, А.Даминова, И.Л.Ким, А.А.Миролюбов, З.И.Калмикова, И.П.Комарова); оид ба омӯзиши забони хориҷӣ (Г.А.Белякова, .М.Берман, И.В.Бессонова, Д.И.Боровко, М.Л.Вайсбурд, Е.В.Васмловская, .С.Латушкина, З.Д.Лвовская).

Дар диссертатсия бори нахуст таҳқиқи хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, асосан, дар он вазифаю масъалаҳои муайян намудани мазмун ва моҳияти мушкилоти таълими фаннизабони англисӣ дар асоси таҳлили назариявӣ таснифоти ин мушкилотро тартиб додан; асоснок кардани таснифоти мушаххаси вазифаҳои таълимии сатҳи гуногун дар асоси илмӣ ва мушкилоти омӯзиши забони англисӣ; асоснок кардани моҳият, мундариҷа ва сохтори раванди бартарафсозии мушкилоти таълимӣ дар байни донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ; таҳияи амсилаи (модели) рафъи мушкилоти донишҷӯёни равияи гуманитарӣ дар омӯзиши забони англисӣ; ташкил ва гузронидани таҷрибаи педагогӣ дар асоси амсилаи (модели) рафъи мушкилоти донишҷӯёни

равияи гуманитарӣ дар омӯзиши забони англисӣ; санҷиши самаранокии барномаи таҳияшуда тавассути гузаронидани таҳқиқоти ташхисии назоратӣ баррасӣ гардидаанд.

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани ғояҳо ва мулоҳизаҳои асосии диссертатсия, коркарди амсилаи консептуалӣ, ки ин имкон додааст дар заминаи равияҳои ҳамгироӣ, шахсиятӣ-фаъолмандӣ ва салоҳиятмандӣ проблемаи ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён дар раванди таълим дар факултетҳои ЗХ-и донишгоҳҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин кори пажӯҳишӣ, тафсир ва санҷиши натиҷаҳои комёбгашта самарабахш омӯхта шавад.

Саҳми шахсии унвонҷӯ инчунин дар асосу заминаи омӯзишу таҳлили таҳқиқоти илмии олимону муҳаккикони ватанию хориҷӣ, асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро мушаххас намуда, усулҳои муосири таҳқикро истифода карда, ташаккул ва рушди фарҳанги омӯзиши босифатро барои донишҷӯён аз мавқеи илмӣ ҳамаҷониба баррасӣ намудааст.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар ҳаҷми 2 монография, дастур, 13 мақолаи илмӣ, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионӣ”-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда вобаста ба мавзуи рисолаи илмӣ ба нашр расидааст.

Диссертатсияи мазкур дар ду боб таълиф ёфта, дар боби аввали диссертатсия, ки - “Асосҳои илмӣ-назариявии пешгирӣ ва рафъи мушкилот дар раванди таълими забони англисӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён” ном дорад, фарогири масъалаҳои вобаста ба асосҳои илмӣ

ва амалии бартараф намудани мушкилоти забони англисӣ дар донишҷӯёни равияҳои мухталифи мактабҳои олӣ мебошад.

Боби дуюми дисертатсия - «Технологияҳои инноватсионии педагогӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён дар таълими забони англисӣ” масъулаҳои вобаста самаранокии рафъи мушкилот зимни омӯзиши забони англисӣ дар донишҷӯёнро фаро мегирад.

Муаллиф ҳар кадом боби диссертатсияро бо хулосаҳои дақиқу мушаххас ҷамъбаст намуда, дар хулосаи умумии диссертатсия ҳамаи хулосаҳои бобҳоро ҷамъбаст намудааст.

Дар хулоса натиҷаи таҳқиқу баррасӣ ба таври фишурда аз рӯйи натиҷагирии пажӯҳиш оварда мешавад. Рӯйхати адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурӣ ва сарчашмаҳои илмӣ буда, аз осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ иборат мебошанд, ки теъдодашон ба 199 адад мерасад.

Бо вуҷуди тозакорӣ ва нуктасанҷии ба худ хос дар диссертатсия муҳаққиқ ба баъзе камбудиҳо роҳ додааст, аз ҷумла:

1. Номи рисолаи илмӣ агар дар шакли «Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти таълими забони англисӣ дар раванди рушди касбияти донишҷӯёни мактабҳои олӣ” мебуд, ба мақсад мувофиқтар мегашт;

2 Мувозинати ҳаҷми бобҳо андак халалдор гаштааст (ҳаҷми боби якум (89 саҳ) ва нисбати боби дуюм (54 саҳ) бештар аст);

3. Зербоби боби дуюми диссертатсия (2.3.Санҷиши самаранокии равияи системӣ-фаъолмандӣ ва технологияҳои инноватсионии педагогӣ дар озмоиши таълимӣ) моҳиятан “Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ” (эксперименталӣ) номида мешуд, юа мақсад мувофиқтар мебуд;

4.Тавсияҳо барои истифодаи амалиинатиҷаҳои таҳқиқот агар на дар9(нуҳ) банд,балки дар 5-6 банднишон дода мешуданд, кифоят мекард;

5. Моҳият ва табиати мушкилоти асосии педагогӣ дар робита ба омӯзишу таълими забнҳои хориҷӣ бояд дар боби якуми диссертатсия пурратар нишон дода мешуд;

6. Дар баъзе саҳифаҳо саҳву иштибоҳоти имлоӣ,техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд (26, 44, 78, 98, 124 ба чашм мерасанд.

Камбудӣ ва эродҳои мазкур асосан ҷанбаи тавсиявӣ ва техникӣ дошта, ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия халал намерасонанд ва арзиши илмии корро коста намекунанд.

Муқаддима муҳтавои асосии рисоларо пурра фаро гирифтааст.

Дар хулоса ба тариқи кофию басанда хулосаю натиҷагириҳо ва умумигардониҳо аз рӯйи тамоми тавсифоти таҳқиқот баён гаштаанд. Хулосаҳои илмии муаллиф дар интиҳои кор ба тариқи муъҷаз ва мушаххас оварда шудаанд.

Автореферат пурра ва мукаммалан бо диссертатсия мувофиқат мекунад: дар шакли муъҷаз ва мухтасар мазмуну муҳтаво ва сохтори диссертатсияро инъикос ва ифода карда,фарогири асоснокии муҳиммият, навгониҳои мавзуи мавриди тадқиқ, аҳамият ва арзиши назариявӣ ва амалӣ, хулосаҳои асосии таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт мебошад.

Диссертатсияи Орифов Орзу Обидхуҷаевич «Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англиеӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ” диссертатсияи худро зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъахон Алимӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Данғара, суратҷаласаи №5 аз 18.05.2024 тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, Донишгоҳи
давлатии Данғара, номзади илмҳои
педагогӣ, и.в. дотсент — Наботов Ю.Ш.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
Мудири кафедраи педагогика ва психология
и.в. дотсент Донишгоҳи давлатии
Данғара, номзади илмҳои педагогӣ — Ғафурова Д.Ҷ.

Котиби ҷаласаи васеи
семинари илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Рустами Абдуҷаббор

Маълумот барои тамос: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Маркази 25; Тел: +992 833122-28-06, +992 553 555765; +992907773610; E-mail: dddangara_2013@mail.ru, dilorom.gafurova.@mail.ru; www.dsu.tj

Имзои Ю.Ш.Наботов, Д.Ҷ. Ғафурова,
Рустами А.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ Донишгоҳи
давлатии Данғара — Тоирзода С.Т.

«21» «майи» соли 2024